Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи шароити пардохти музди меҳнати кори кормандони соатбайъи ва дар ду (чанд) ҷой коркунандаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

(карори Хукумати ЧТ аз 2.04.2009 № 215)

Бо мақсади фароҳам овардани шароит ба коргарон ва хизматчиён барои иштироки иловагӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани таъминоти моддии кормандон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Аз 1 апрели соли 1998 барои кормандони корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Шароити кор оиди кори муштараки кормандон мувофиқи замимаи №1 қарори мазкур;

Шароити пардохти кори соатбайъи кормандони корхонаҳо мувофиқи замимаи № 2 тасдиқ карда шавад.

2. Шароити пардохти музди меҳнати кори кормандони соатбайъи ва дар ду (чанд) ҷой коркунанда дар ҳамаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли хусусият ва намуди фаъолияташон паҳн карда шавад.

3. Вазоратҳо ва муассисаҳо, раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ин тартиби кори муштарак муқарраршуда назоратро пурзӯр намуда ва шахсоне, ки ин тартибро вайрон мекунанд, ба ҷавобгарии сахт кашида шаванд.

аз 17 апрели соли 1998 № 122

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 17 апрели соли 1998 № 122

ШАРОИТИ
кор оид ба кори муштараки кормандони
корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. **<u>Кори муштарак зимни кори асосӣ</u>**, дигар вазифаҳо дар корхонаҳо, дар муассисаҳо ва ташкилотҳо баробари иҷрои кори асосӣ дигар кори муздаш мунтазам пардохтанашанда машғулияти яквақта мебошад.

Кори муштарак танҳо дар вақти холӣ аз кори асосӣ иҷозат дода мешавад: **то саршавии он, баъди анҷоми кор, ё дар рӯзҳои бо кори асосӣ банд набудан-рӯзҳои истироҳат ва ид, фориғӣ дар давраи истироҳати байни вахтагӣ, қисми рухсатии меҳнатӣ ва ғайра**. Ба кормандони педагогӣ, тиб, ветеринарӣ кори муштарак дар доираи рӯзи корӣ иҷозат дода мешавад.

2*. **Кори муштарак ба кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият иҷозат дода мешавад. Шахсони ишғолкунандаи мансабҳои ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ наметавонанд ба кори дигари музднок, ба истиснои фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ, машғул шаванд.*** **Ба шахсони синнашон то 18, занҳои ҳомила, ҳамчунин дар корҳои дорои шароити меҳнатии зарарнок, агар кори асосӣ низ ҳамин гуна шароитро дошта бошад, кори муштарак иҷозат дода намешавад** (карори Хукумати ЧТ аз 2.04.2009 № 215).

Дар як вақт ишғол намудани ду вазифаи роҳбарикунанда (ба ғайр аз вазифаҳои устоҳо) агар қонунгузорӣ дигареро муқаррар накарда бошад, иҷозат дода намешавад. Ба вазифаҳои роҳбарикунанда вазифаҳои роҳбарони корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият ва шакли фаъолият, шӯъбаҳо, цехҳо, бахшҳо ва ғайра, муовинони онҳо, тааллуқ доранд. Дар баробари он ин маҳдудият наметавонад ягон роҳбарро аз ҳуқуқи кор кардан дар вазифаҳои оддӣ маҳрум намояд.

Кори муштарак ҳамчун тадбири муваққатӣ бо тартиби хориҷ, танҳо ба шахсони дорои таҷрибаи калон ва тахассуси баланд ба шарте иҷозат дода мешавад, ки агар имконияти иваз намудани вазифаи холӣ бо корманди соҳиб тахассуси мувофиқ, ки бо кори дигар банд набошад ва агар дар кори муштарак рӯзи пурраи корӣ талаб карда нашавад.

3. *Корфармо метавонад кормандро барои кори муштарак бо розигии ӯ танҳо дар ҳудуди на зиёдтар аз нисфи вақти мӯътадили корӣ даъват намояд*. Тавре, ки танаффуси рӯзмарра (байни бастҳо) барои истироҳат на камтар аз 12 соат давом дошта бошад.

Кори муштарак саривақт (то оғози кор) бояд бо фармони (фармоиши) роҳбари корхона, муассиса, ташкилот ё шахси ба он ваколатдор аз рӯи пешниҳоди шиносномаи (билети ҳарбӣ) корманд ба расмият даровarda шавад. Аммо, агар шахс ба кори дониши махсус талабкунанда қабул карда шавад, корфармо ҳуқуқ дорад дар бораи маълумоти гирифта ё омодагии касбӣ диплом ё ҳуҷҷати дигар талаб намояд.

4. Роҳбари корхона новобаста аз шакли моликият ва намуди фаъолият бо мувофиқаи кумитаи иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад дар кори муштарак нисбати кормандони алоҳидаи касбӣ ва вазифаҳо бо шароити махсус ва низоми меҳнат, ки кори иловагӣ ба саломатии онҳо ё бехатарии истеҳсолот зарар мерасонад, маҳдудиятҳо ҷорӣ намояд.

*5. Кори муштарак чӣ хеле ки дар ҷои кори асосӣ, ҳамин тариқ дар дигар корхона (дар муассиса, ташкилот) иҷозат дода мешавад, вале на зиёда аз нисфи вақти мӯътадили корӣ.* Ба кормандони гурӯҳи ҷудогонаи соҳаи буҷетӣ (педагогҳои мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, техникумҳо, мактабҳо ва монанди онҳо, боғчаҳои бачаҳо ва яслиҳо, кормандони муассисаҳои фарҳангӣ, санъат, нигоҳдории тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, роҳбарони маҳфилҳо, тренерҳо*, кормандони тиб ва дорусозӣ, аз он ҷумла ветеринарӣ ва ғайра) оид ба кори муштарак дар якчанд ҷой иҷозат дода шавад. Вале муддати умумии кори муштарак барои ин кормандон ба таври истисно дар ҳаҷми меъёри моҳонаи вақти корӣ муқаррар карда шавад.*

6. Ҳар рӯз муштаракқор метавонад 4 соат дар вақти фориғ аз рӯзҳои корӣ (рӯзҳои истироҳат, рухсатӣ, дар давраи истироҳати байнивахтагӣ, қисмати рухсатии меҳнатӣ ва ғ.) як рӯзи пурра (баст) кор кунад. *Ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташктлотҳои бевосита амалкунанда, инчунин дар баъзе истеҳсолот барои муштаракқор кори ҳаррӯзаи (вақти 4 соати корӣ) муқарраршуда риоя шуда наметавонад, бо мувофиқаи кумитаи иттифоқи касабаи корхона (муассиса, ташкилот) ҷорӣ намудани ҳисоби ҷамъбастии вақти корҳ иҷозат дода мешавад. Вале дар ҳамаи ин ҳолатҳо давомнокии умумии кори муштарак дар муддати як моҳ набояд аз нисфи меъёри вақти кории моҳона, ки барои гурӯҳҳои дахлдори кормандон муқаррар шудааст, баланд шавад.*

7. Пардохти музди меҳнат оид ба якҷоя кардани вазифа аз ҳисоби дараҷаи тарифии муқарраршуда барои ин вазифа маош (ставка) мутаносибан сарбории воқеӣ ҷорӣ карда мешавад:

- дар мавриди иҷрои кори корбайъӣ ба шахси муштаракқор пардохти музди меҳнат оид ба кори воқеӣ, чун қоида аз рӯи натиҷаи охирин барои ҳамаи маҳсулоти тайёрнамуда ё ҳаҷми иҷрошудаи кор ҷорӣ карда мешавад;
- дар мавриди иҷрои кори вайқтбайъ ҳисобу китоби ставка в маош аз рӯи иҷрои кори пешбинишуда, барои вақти воқеии коркардашуда дар ҳудуди муқарраргардида, амалӣ карда мешавад.

8. Мукофотонидан ва пардохти музди иловагӣ, бақияпулӣ ва дигар мукофотпулиҳо барои кормандони корхонаҳои мазкур (муассиса, (муассиса, ташкилот) бо тартиби муқарраршуда гузаронида мешавад.

Мукофоте, ки бо низоми пардохти музди меҳнат аз рӯи кори муштарак муайян шудааст, қисми маоши (ставка) муқарраршудаи муштаракқор ҳисоб карда мешаванд ва зиёда аз ин қисми маош (ставка) пардохта мешавад.

Муштаракқор аз имтиёзҳои барои кормандони корхонаи мазкур (муассиса, ташкилот) муқарраршуда истифода мебарад, агар онҳо дар қарордод тавзеҳ шуда бошанд.

9. Рухсатии меҳнатии пардохташаванда ба муштаракқорони иҷрокунандаи вазифаи коргар (новобаста аз ишғоли мансаб тибқи ҷои кори асосӣ), инчунин ба муалимони мактабҳо, омӯзгорони мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳои касбию

техникӣ, техникумҳо ва монанди онҳо, кормандони педагогии муассисаҳои томактабӣ, кормандоаи тиб ва дорусозӣ (аз ҷумла, ветеринарӣ) дода мешавад.

Пардохти рухсатии меҳнатӣ ё ҷубронпулӣ барои рухсатии меҳнатии истифоданашуда оид ба кори муштарак бо назардошти роҳбар ё шарти қарордод (шартнома) амалӣ карда мешавад.

10. Ҳангоми ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати муаллимон ва омӯзгороне, ки дар якчанд мактабҳо, мактабҳои олӣ, дар мактабҳои миёнаи махсус ва дигар муассисаҳои таълимӣ, аз он ҷумла омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ кор мекунанд, музди меҳнати кормандони педагогии ғайримактабӣ, томактабӣ ва дигар муассисаҳои бачагона (тавре ҳамин тариқ дар як чанд ҷой), инчунин кормандони тиб ва дорусозӣ, ки бо ҷараёни таълим шуғл доранд барои сарбории воқеӣ дар ҳамаи ҷои кор ба назар гирифта шавад. Ба ғайр аз ин пардохти иловагӣ барои коре, ки тибқи кори муштарак ҳисоб намеёбад, ба назар гирифта мешавад.

11. Озод намудан аз кори муштарак тибқи шартҳои зерин амалӣ мешавад:

- бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои қабули коргари доимӣ ё мавҷуд намудани кори муштарак вобаста бо шароити махсус ва низоми меҳнат. Ҳангоми аз кор озод намудани муштараккор тибқи ин асосҳо розигии кумитаи итифоқи касаба талаб карда намешавад;

- бо ташаббуси муштараккор баъди огоҳии пешакии корфармо дар муддати 14 рӯзи тақвимӣ. Ҳангоми озод намудан аз кори муштарак дар ҳолати қабули коргар, ки муштараккор нест ё маҳдуд намудани кори муштарак мӯҳлати огоҳӣ дар бораи озодкунии оянда муқаррар карда намешавад.

Ҳангоми аз кор озод намудани муштараккор кӯмакпулӣ барои рӯзҳои истироҳат пардохта намешавад.

12. Маълумот оид ба кори муштарак дар дафтарчаи меҳнатӣ бо хоҳиши корманд аз ҷониби корфармо аз рӯи ҷои кори асосӣ қайд карда мешавад. Дигар ягон хел қайд дар хусуси кор, ки оид ба кори муштарак иҷро мегардад, дар дафтарчаи меҳнатӣ ворид карда намешавад. Барои ин фармони қабули муштарккор ва озод намудани ӯ аз кор ҳамчун, асос хизмат мекунад. Мӯҳлати кор оид ба кори муштарак, агар он бо мӯҳлати корӣ ҷои кори асосӣ рост наояд, ба собиқаи корӣ дохил мешавад ва дар ҳолати озод шудан аз кори ҷои кори асосӣ ва муваққатӣ ба кор барқарор шудани корманд, ки дар кори муштарак меҳнатро идома медиҳад, собиқаи бефосилаи меҳнат нигоҳ дошта шавад.

13. Профессорҳо ва омӯзгорони мактабҳои олӣ, чун дигар хизматчиён метавонанд омӯзгори ва инчунин дар дигар вазифаҳо ва ҷойҳои корӣ ба сифати муштараккор кор кунанд. Дар асосҳо умумуӣ масаъалаи кори муштараки кормандони илмӣ ҳал карда мешавад. Дар вақти корӣ (то 4 соат дар як ҳафта) бурдани кори педагогӣ дар мактабҳои олӣ ва муассисаҳои таълимӣ, такмил додани ихтисос аз ҷониби мутахассисони баландихтисоси хоҷагии халқ бо розигии маъмурият ва кумитаи иттифоқи касаба аз ҷои кори асосӣ дода мешавад. Дар ин маврид музди меҳнати ҷои кори асосӣ нигоҳ дошта мешавад.

14. Кори муштарак ҳисоб намешавад:

а) корҳои адабӣ, аз он ҷумла кори таҳрир, тарҷума ва тақризи асарҳои алоҳида, ки аз фонди ҳаққи қалами муалифӣ пардохта мешаванд;

б) иҷрои вазифаҳои мушовирони муассисаҳои тиббӣ дар ҳаҷми на зиёда аз 12 соат дар як моҳ бо пардохти яквақтаи музди меҳнат;

в) кори иҷрокардаи шахс, ки тибқи вазифаи асосӣ рӯзи пурраи корӣ надорад ва мутобиқи ин маоши (ставка) нопурра дорад, агар пардохти он дар вазифаи асосӣ ва кори муштарак аз ҳадди маоши пурраи ҷои кори асосӣ нагузарад;

г) ташхиси техникӣ, тиббӣ, муҳосибӣ ва ғайра бо пардохти яквақта;

д) зимни кори асосӣ аз ҷониби корманд иҷрои дигар кор корҳои пулакӣ бе ишғоли вазифаи штатӣ дар худи ҳамон корхона (иҷрои кор аз ҷониби муаллимони мактабҳо ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва ғайра, ки аз рӯи музди меҳнат бо онҳо баробар аст (аз он ҷумла омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ), вазифаҳои мудирии утоқҳо ва лабораторияҳо, корҳои таълимии директорон, мудирони қисҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ, роҳбарии комисияҳои фаннӣ ва доираҳои фаннӣ, кори кормандони муҳандасию техникӣ оид ба роҳбарӣ ба таълими истеҳсолӣ ва корҳои амалии хонандагон, навбатдории кормандони тиб зиёда аз меъёри моҳонаи вақти корӣ, роҳбарӣ ба аспирантҳо ва ғайра);

ж) кори муаллимони мактабҳо, омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва ғайра, ки аз рӯи музди меҳнати кормандон аз (он ҷумла омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ) дар худи ҳамон муассисаи таълимии сарбории таълимаш зиёда аз меъёри муқарраргардида бо онҳо баробар аст, инчунин кори педагогӣ ва кори роҳбарӣ ба маҳфилҳо дар худи ҳамон муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, ғайримактабӣ ё муассисаҳои бачагона;

з) иҷрои азифаҳо, ки ба онҳо бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ ба маош (ставка) бо ҳисоби фоиз ё рубл иловапулӣ муқаррар гардидааст;

и) аз ҷониби кормандони корхонаҳои иҷрои кормандони корхонаҳои иҷрои корҳои педагогӣ дар шароити пардохти соатбайъ дар курсҳо ва муассисаҳои таълимӣ, дар мактабҳо ва муассисаҳо бачагона дар ҳаҷми на зиёда аз 360 соат дар як сол. Ба ин кор иҷозати маъмурият ва кумитаи иттифоқи касаба бидуни ҳолатҳое, ки ин корҳо дар вақти вақти корӣ амалӣ мегарданд, талаб карда намешавад. Дар чунин маврид музди меҳнат нигоҳ дошта мешавад;

к) ҳамаи намудҳои таълим, корҳои таълимию усулӣ ва алмию тадқиқотии ҳайати профессорию омӯзгорӣ дар мактабҳои олӣ, ки аз вазифаҳои ишҷолӣ бармеоянд, нақшаи таьлимӣ ва нақшаи корҳои илмию тадқиқотӣ дар ҳудуди рӯзи кории 6 соата, хондани маърӯза, пешбурди машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва машваратӣ, гузаронидани санҷишҳо ва имтиҳонҳо, роҳбарӣ ба корҳои дипломӣ, корҳои амалии истеҳсолӣ ва таълимӣ ва корҳои истеҳсолии донишҷӯён, консултасияи донишҷӯён ва аспирантҳо, тақризи лоиҳаҳои димломӣ, корҳои хаттии донишҷӯёни ҷоибхон, иштирок ба имтиҳоноти давлатҳ оид ба таълими интизом, инчунин ташрифи мудирони кафедраҳо ва профессорон дар маърӯзаҳо ва дигар машғулиятҳо, ки таҳти роҳбарии онҳо досентҳо ва омӯзгорон мегузаронанд;

л) инчунин:

- корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба татбиқи мавзӯъҳо, ки аз буҷети давлат маблағгузорӣ мешаванд;
- мудирӣ ба кафедраҳо ва роҳбарӣ ба лабораторияҳо ва утоқҳо;

- таҳияи асноди таълимию усулӣ;

- тафтиши корҳои хонагии донишҷӯён;

- роҳбарии таълимию усулӣ ба корҳои амалӣ ё ба корҳои донишҷӯён ва тафтиши ҳисоботи хаттӣ оид ба кори амалии истеҳсолӣ;

- иштирок дар кори комиссияи қабул;

- ташкил ва роҳбарӣ ба корҳои тарбияи ҷисмонӣ, оммавӣ, мудофиавӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва маҳфилӣ дар мактабҳои олӣ (барои омӯзгорони интизоми ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ).

Аз ҷониби корманди корхонаи иҷрои корҳои дар зербанди "а" муқарраргашта дар вақти корӣ роҳ дода намешавад, иҷрои кор дар вақти корӣ, ки дар зербанди "б", "в", "г" муқаррар гардидааст, бо иҷозати сарвари корхонаи мазкур бо мувофиқаи кумитаи иттифоқи касаба роҳ дода мешавад.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 17 апрели соли 1998 № 122

Шароити
музди меҳнати соатбайъи кормандони корхонаҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Мутахассисони баландихтисоси истеҳсолӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар ташкилотҳо метавонанд ба кори педагогӣ дар мактабҳои олӣ дар шароити ҳаққи соатбайъ ҷалб карда шаванд, агар ҳаҷми кори педагогии онҳо дар соли таҳсил аз 240 соат баланд набошад. Агар ҳаҷми кори педагогӣ дар соли таҳсил аз 240 соат баланд шавад, кори зиёда аз 240 соат кори муштарак ҳисоб меёбад ва мутобиқи замимаи №1 қарори мазкур ба расмият дароварда мешавад.

2. Ҳайати кормандони маьмуриву идоравӣ, таълимию тарбиявӣ, илмӣ ва маьмурию хоҷагии мактабҳои олӣ, ки дорои маълумоти олӣ, ҳайати штатии профессорию омӯзгории мактабҳои олӣ мебошанд, бо иҷозати ректори мактаби олӣ зимни кори асосӣ метавонанд, вақт и кори зиёда аз 6 соатаро аз рӯи вазифаи асосӣ кори таълимӣ, кори педагогӣ оид ба баланд бардоштани тахассуси кормандони роҳбарикунанда ва муҳандисию техникӣ ва кормандони дастгоҳи давлатӣ дар худи ҳамин мактаби олӣ, инчунин дар бахшҳои тайёрӣ барои дохил шудан ба мактаби олӣ дар шароити ҳаққи соатбайъ дар ҳадди 360 соат дар як сол пеш баранд.

3. Кормандони роҳбарикунандаи мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, мактаб-интернатҳо, хонаҳои бачагон, мактабҳои миёнаи махсус ва касбию техникӣ, муассисаҳои ғайримактабӣ метавонанд кори омӯзгорӣ ё машғулиятро дар маҳфилҳо, вале на зиёда аз 9 соат дар як ҳафта (380 соат дар як сол) пеш баранд.

Дар мактабҳои деҳот дар мавриди набудани муаллимон ва омӯзгорони фанҳои дахлдор, кормандони зикргардида метавонанд кори омӯзгориро на зиёда аз 12 соат дар як ҳафта ба ҳар ҳолат бо иҷозати махсуси роҳбари муассисаи таьлимӣ пеш баранд.

4. Музди меҳнати соатбаъи кормандони педагогии муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ҳангоми пардохт барои соатҳои дарсҳ, ки бо тартиби иваз кардани муаллимон, омӯзгорон мурабиён ва дигар кормандони педагогии бо сабаби касалӣ ё дигар сабабҳо набуда, ҳозир нестанд ва он на зиёда аз ду моҳ давом ёфтааст, дода шудаанд; барои соатҳои кори педагогӣ, иҷрои зиёда аз ҳаҷми муқарраршуда дар мавриди тафрикасия; ба муаллимон дар мавриди кор бо ҷоибхонҳо ва кӯдакони дар табобатӣ тӯлонӣ дар касалхонаҳо буда, инчунин аз рӯи музд барои кори педагогии мутахассисони хоҷагии халқ, ки барои корҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ҷалб карда шудаанд.

Ба ғайр аз ин соатҳои дарсии каси дигарро ивазнамуда ва иловапулӣ (барои тафтиши дафтарҳо, роҳбарии синф ва ғ.) ҳисоб карда мешавад.

Дар мавриди иваз намудани корманди зиёда аз ду моҳ набуда, пардохти музди меҳнати ҷонишин аз рӯзи оғози ивзз намудан барои тамоми соатҳои воқеии кори педагогӣ, яъне бо маблағи зиёдшавии дахлдори сарбории ҳафтаинаи таълимӣ (ҳаҷми кори педагогӣ) амалӣ карда мешавад.

5. Роҳбарони вазорату идораҳо ҳуқуқ доранд, ба таври истисно барои мудири кафедраҳо дар мактабҳои олӣ дар шароити музди соатбайъи кормандони илмӣ, пешбари кори илмию маъмурӣ дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, инчунин мутахассисони баландихтисос, ки дар муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои пардохти музди меҳнатӣ онҳо барои мудирии кафедра аз рӯи ҳисоби 160 соат дар як сол кор мекунанд, ҷалб намоянд.

Пардохти музди меҳнати кормандони илмӣ ва мутахассисони баландихтисос, ки дар штати мактаби олӣ нестанд ва барои роҳбарӣ бе аспирантҳои мактабҳои олӣ ҷалб шудаанд, аз рӯи ҳисоби 100 соат дар як сол барои роҳбарӣ ба ҳар як аспирант ҷорӣ карда шавад.

Музди меҳнати корнандони дар банди мазкур муқарраршуда тибқи ҷои кори асосӣ барои соатҳои кори муштараки иҷозатдодашуда боздошта шавад.

Ба ректорҳо ва проректорҳо барои роҳбарӣ,ба кафедраҳо музд дода намешавад, вале барои роҳбарӣ ба аспирантҳо пардохти музд аз рӯи ҳисоби 50 соат дар як сол, барои роҳбарӣ ба ҳар як аспирант аз рӯи ставкаи соат, ки дар ҷадвали №1 замима нишон дода шудааст, ҷорӣ карда мешавад. Ба як роҳбар аз ҷумлаи шахсони дар банди мазкур номбурдашуда, мумкин аст на зиёда аз 5 аспирант вобаста карда шавад.

6. Барои шахсоне, ки кори педагогиро дар шароити музди меҳнати соатбайъ пеш мебаранд, ставкаи музди меҳнати соатбайъ, мутобиқи №1 замимаи №1 замимаи мазкур муқаррар шавад.

Ҷадвали № 1 ба
замимаи № 2 қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 17 апрели соли 1998 № 122

АНДОЗАИ
музди меҳнати соатбайъи кормандон, ки барои
гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар тамоми соҳаҳои
иқтисод банд ҳастанд
(карори Хукумати ЧТ аз 2.04.2009 № 215)

Андозаи музди меҳнати соатбайъ барои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ:

1. Андозаи музди меҳнати соатбайъ барои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ), таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи қасбӣ, олии касбӣ, ба аспирантҳо ва шунавандагони курсҳо ба андозаи музди меҳнати соатбайъи омӯзгорони штатии ин муассисаҳо баробар муайян карда мешавад.

2. Андозаи музди меҳнати соатбайъ барои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимии соҳавии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос дар асоси созишнома бо мутахассиси даъватшаванда муайян карда мешавад (карори Хукумати ЧТ аз 2.04.2009 № 215).